**ЛОИҲА**
Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№______, аз ___ ________ с. 2021

Талаботи махсус
ҳангоми кушодани суратҳисобҳои амонати муҳлатнок
ё дархостшавандаи бонкӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда
ворид карда мешаванд

Бонкҳои ваколатдор, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 02 июли соли 2021, №1802 (минбаъд-Қонун) тибқи аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи онҳо суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ кушода, маблағҳои қонунигардонидашавандаро ба ин суратҳисобҳо қабул менамоянд, бояд талаботи махсуси зеринро риоя ва таъмин намоянд.

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун бонки ваколатдорро мустақилона интихоб менамоянд ва ҳуқуқ доранд дар як ё якчанд бонк суратҳисоби амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ кушоянд.

2. Барои кушодани суратҳисоби амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бонкҳои ваколатдор дар баробари ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузории амалкунанда барои кушодани суратҳисоб пешбинӣ намудааст, инчунин аризаи шакли замимашударо пешниҳод менамоянд. Бонкҳои ваколатдор ҳуқуқ надоранд ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани суратҳисобҳоро рад намоянд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ чунин радкуниро муқаррар кардааст.

3. Ҳангоми қабули аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи

бонкӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулии онҳо бонкҳои ваколатдор уҳдадорнад иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро таъмин намоянд.

Бонкҳои ваколатдор инчунин барои муайян намудани қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳое, ки тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ)-ро ба таври лозимӣ татбиқ наменамоянд, чораҳои дастрас андешида, ба он роҳ намедиҳанд.

4. Бонкҳои ваколатдор дар асоси аризаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати мухлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва қоидаҳои дохилии худ оиди кушодани суратҳисобҳо, шартномаҳои дахлдорро ба расмият медароранд. Дар шартнома бо банди махсус ишора намудани таъиноти суратҳисоб, ки бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун мебошад, ҳатмист.

5. Бонкҳои ваколатдор суратҳисоби амонати мухлатнок ё дархостшавандаи бонкиро бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун дар ҳисобҳои тавозунии 20216, 20218, 20220 ва 20222 мекушоянд. Маблағи воридшаванда маҳдудият надорад.

6. Маблағҳои пулии қонунигардонидашаванда дар шакли нақдӣ тибқи тартиби амалкунанда қабул карда шуда, дар ҳуҷҷати хазинавии даромад ва расид таъиноти пардохт - «Қонунигардонии маблағҳои пулӣ» ишора карда мешавад.

Ҳангоми интиқоли пул бо шакли ғайринақдӣ дар супоришнома ва беруннавис таъиноти пардохт (асос) - «Қонунигардонии маблағҳои пулӣ» нишон дода мешавад.

7. Бонкҳои ваколатдор қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо риояи қатъии тартиб ва муқаррароти Қонун анҷом медиҳанд.

8. Барои тасдиқи қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои ваколатдор бо риояи қатъии талаботи моддаи 6 Қонун шаҳодатнома дар бораи қонунигадонии маблағҳои

пулиро дар варақаи ҳимояшудаи шакли махсус тибқи намунаи замимашуда медиҳанд.

Варақаи шаҳодатнома ҳуҷҷати ҳисоботдиҳии ҳатмӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон варақаҳои шаҳодатномаро тайёр мекунад ва ба бонкҳо мефурӯшад.

Бонки миллии Тоҷикистон бақайдгирии рақами ҳисоб ва миқдори варақаҳои шаҳодатномаи ба ҳар як бонк додашударо амалӣ менамояд.

Бонкҳои ваколатдор варақаҳои шаҳодатномаи аз Бонки миллии Тоҷикистон гирифтаашонро ба қайд гирифта, аз рӯи рақам ва маблағ шаҳодатномаҳои ба муштариён додашударо тибқи феҳристи шаҳодатномаҳои додашуда дар шакли замимашуда ба ҳисоб мегиранд.

Баъди анҷоми давраи қонунигардонӣ дар давоми 30 рӯзи корӣ варақаҳои истифоданашудаи шаҳодатнома аз тарафи бонкҳо барои баъдан нобуд кардани онҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон баргардонида мешаванд, ки дар ин хусус санади дахлдор тартиб дода мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон арзиши варақаҳои истифоданашудаи шаҳодатномаҳоро, ки аз тарафи бонкҳо баргардонида мешаванд, бозпас мегардонад.

9. Бонкҳои ваколатдор оид ба қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Бонки миллии Тоҷикистон тибқи шакли замимашуда ҳисоботи даҳрӯза пешниҳод менамоянд.

10. Дар ҳисоботи бонкҳои ваколатдор оид ба гардишҳои хазинавӣ маблағҳои пулии қонунигардонидашавандаи воридшаванда аз ҷониби бонкҳо ҳамчун «Маблағҳои пулии қонунигардонидашаванда» алоҳида инъикос карда мешаванд.

11. Ҳамаи хароҷоти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки барои барасмиятдарории қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандон пардохт карда мешавад, аз ҳисоби худи шаҳрвандон сурат мегирад.

Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№______, аз ___ ________ с. 2021

Ба Бонки ____________________________________________
аз____________________________________________
(ному насаб)
Суроға____________________________________________

Ариза

Хоҳишмандам бо мақсади қонунигардонии маблағҳо барои ман суратҳисоби бонкӣ кушоед.

Суратҳисоби бонкии амонати муҳлатнок ☐

Суратҳисоби бонкии амонати дархостшаванда ☐

Бо пули миллӣ ☐

Бо асъори хориҷӣ ☐

Имзои аризадиҳанда__________________________

«___»________________с. 202___

----------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

(паси ҳуҷҷат)
Қайди бонк

<table>
<tr><td colspan="2">Иҷозат медиҳам:<br>Шахси масъул__________________________<br><br>«___»________________ с. 202___<br>______________________________<br><br>Суратҳисоб кушода шуд</td></tr>
<tr><td>№ ҳисоби тавозунӣ</td><td>№ ҳисоби шахсӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td></tr>
</table>

Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№______, аз ___ ________ с. 2021

ВАРАҚАИ ҲИМОЯШУДАИ ШАКЛИ МАХСУС

ШАҲОДАТНОМАИ № _____
оид ба қонунигардонии маблағ

Санаи додани Шаҳодатнома «___» ____________ с.202_

Тасдиқ мекунад, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________

(ному насаб, мушаххасоти шиноснома, РМА, ҷои истиқомат)
мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 июли соли 2021, №1802 тибқи шартномаи №___ аз __ ______ с.202_ ба суратҳисоби амонати муҳлатноки бонкӣ маблағи пулиро ба миқдори ________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________

( миқдор ва асъор нишон дода шавад)
тавассути пардохти ___________________________________________________________
(нақдӣ ё ғайринақдӣ нишон дода шавад)
бо мақсади қонунигардонӣ ворид намуд.

Бонк: ______________________________ ___________________________________________
(номи пурраи бонк нишон дода шавад)

Маблағҳои пулии қонунигардонидашуда мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба даромади андозбандишаванда дохил карда намешавад.
Роҳбари Бонк:___________________________________________________________________
Сармуҳосиб: ___________________________________________________________________

Мӯҳри Бонк

ВАРАҚАИ ҲИМОЯШУДАИ ШАКЛИ МАХСУС

ШАҲОДАТНОМАИ № _____
оид ба қонунигардонии маблағ

Санаи додани Шаҳодатнома «___» ____________ с.202_

Тасдиқ мекунад, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

(ному насаб, мушаххасоти шиноснома, РМА, ҷои истиқомат)

мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 июли соли 2021, №1802 тибқи шартномаи №___ аз __ ______ с.202_ ба суратҳисоби амонати дархостшавандаи бонкӣ маблағи пулиро ба миқдори
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

( миқдор ва асъор нишон дода шавад)

тавассути пардохти ______________________________

(нақдӣ ё ғайринақдӣ нишон дода шавад)

ҷиҳати сармоягузории (маблағгузории) минбаъда ба ____________________
________________________________________________

бо мақсади қонунигардонӣ ворид намуда, сармоягузорӣ (маблағгузорӣ)-и ишорашударо бо интиқоли ғайринақдӣ анҷом дод.

Сармоягузорӣ (маблағгузорӣ) бо ҳуҷҷатҳои зерин ______________________
________________________________________________
тасдиқ карда шуд.

Бонк: ______________________ ______________________

(номи пурраи бонк нишон дода шавад)

Маблағҳои пулии қонунигардонидашуда мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба даромади андозбандишаванда дохил карда намешавад.

Роҳбари Бонк:_____________________________________

Сармуҳосиб: ______________________________________

Мӯҳри Бонк

Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№______, аз ___ ________ с. 2021

**ФЕҲРИСТИ**
бақайдгирии варақаи Шаҳодатномаҳо дар бораи қонунигардонии маблағҳо

________________________________________________________________________________
____

Номгӯи бонк

| № | Таърихи қабул ва бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо | Рақами ҳисобгирии варақаи шаҳодатномаҳо | Таърихи додани шаҳодатнома | Гирандаи шаҳодатнома, ному насаб | Миқдор ва асъори маблағҳои пулии қонунишуда | Имзои муштари дар хусуси гирифтани шаҳодатнома | Ному насаб ва имзои корманди бонк, ки шаҳодатнома додааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Аз рӯи феҳристи мазкур аз Бонки миллии Тоҷикистон ба миқдори ________________________________________________________________________________

бо рақам ва ҳарф

________________________________________________________________________________

________________________________ варақаи Шаҳодатнома гирифта шуд.

Дар давраи қонунигардонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои қабули маблағҳои пулӣ барои қонунигардонӣ ба миқдори ______________________________________ варақа сарф гардид.

Бақияи варақаҳои сарфнашуда ба миқдори ________________________________________________________________________________, ки бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон баргардонида шаванд.

Ному насаб ва имзо
Роҳбари бонк
Сармуҳосиб
Мӯҳри бонк

Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№______, аз ___ ________ с. 2021

Намунаи шакли ҳисобот
ба Бонки миллии Тоҷикистон оид ба маблағҳои қонунигардонидашудаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Шаҳодатнома бо ишораи рақам ва санаи додани он | Ному насаби ва санаи таваллуди дорандаи шаҳодатнома | Мушаххасоти шартномаи суратҳисоби амонатии басташуда (рақам, сана, муҳлат) | Маблағи ба суратҳисоби амонати муҳлатнок воридкардашуда (бо рақам ва ҳарф) ва асъори маблағ | Маблағи ба суратҳисоби амонати дархостшаванда воридкардашуда (бо рақам ва ҳарф) ва асъори маблағ | Нақдӣ ё ғайринақдӣ будани маблағи ба суратҳисоби бонкӣ воридкардашуда | Давлати хориҷие, ки аз он маблағ ба суратҳисоби бонкӣ интиқол ёфтааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Эзоҳ: Ба ҳисобот нусхаи шаҳодатномаҳои қонунигардонии маблағ замима карда мешаванд.